# ҚАРОРИ
## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018

**аз 9 январи соли 2024** **ш. Душанбе**

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 таҳқиқоти диссертатсионии Анушервони Исрофил дар мавзуи «Одатҳо дар муомилоти маданӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (Роҳбари илмӣ: Раҳимзода Маҳмад Забир - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобаста Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, сарходими илмии шуъбаи ҳуқуқи хусусиии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон), тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: Аминова Фарида Маҳмадаминовна – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, и.в. профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон; Собирзода Исфандиёр Салом - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ректори Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақризи муассисаи пешбари Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе), баромади мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ – Тағойназаров Ш.Т., Ғаюрзода Ш.К., Имомова Н.М. ва баромади муқарризони ғайрирасмӣ: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ – Исмоилов Ш.М. ва Холиқзода А.Ғ.-ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод.

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шуро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳаммиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Анушервони Исрофил, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Анушервони Исрофил дар мавзуи «Одатҳо дар муомилоти маданӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бандҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгу мебошад.

2. Интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

3. Ба Анушервони Исрофил дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Анушервони Исрофилро бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Назаров А.Қ.**

**09 январи соли 2024**